Ба фармоиши Директори
Агентии омори назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 24 июли соли 2013
№ 31 тасдиқ кардааст.

**Дастуруламал**
ҷиҳати тартиб додани ҳисоботи ҳармоҳаи корхонаҳои пахтатозакунӣ дар бораи коркарди ашёи хоми пахта аз рӯи шакли1-пахта

1. Истеҳсоли нах аз ашёи хоми пахта яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини кори корхонаҳои пахтатозакунӣ мебошад.

Дар зери мафҳуми истеҳсоли нахи пахта таносуби вазни нахи пахтаи гирифта-шуда нисбат ба вазни коркарди ашёи хоми пахта фаҳмида мешавад.

Мувофиқи тартиботи амалкунанда, ба ҳисобгирии ашёи хоми пахта дар нуқтаҳои пахтатаёркунӣ ва корхонаҳои пахтатозакунӣ аз рӯи вазни ғун кардашуда, аз рӯи ғализӣ ва намнокӣ ба амал бароварда мешавад.Нахи пахтаи аз истеҳсолот ҳосилшуда, мувофиқи рутубатнокӣ –намнокии нах ва доштани ифлосӣ ва ғализӣ ба вазни ғуншуда баргардонида мешавад.

2.Маълумотҳои ҳисобот нишондиҳандаҳои ҷамъбастиро, ки аз рӯи ҳар кадом навъи селексионӣ гирифта шудаанд, дар бар мегирад.

Ба назар гирифтан зарур аст, ки баҳисобгирии нахи пахтаи истеҳсолшуда новобаста аз рӯи навъи ашёи хоми саноатии навъи нахи пахта ба амал бароварда мешавад.Масалан: ин маънои онро дорад, ки агар аз 500 тонна ашёи хоми пахтаи навъи 1-ум 125 тонна нахи пахтаи навъи 1 ва 50 тонна нахи пахтаи навъи 2 кор карда бароварда шуда бошад, дар чунин маврид дар сатри «навъи-1» аз рӯи миқдори умумӣ 175 тонна нахи пахта, ки аз навъи мазкури ашёи хоми пахта кор кардашуда аст, нишон дода мешавад.
Ҳамаи ин тавсияҳо ба коркарди ашёи хоми пахтаи маҳиннах низ дахл дорад.

3. Дар сутуни1 миқдори (дар асл) кор кардашудаи ашёи хоми пахта дар моҳи ҳисобот мувофиқи маълумотҳои иҷрои супориши истеҳсолӣ ва маҷаллаи истеҳсолот, дар сутуни 2 маълумотҳо аз аввали мавсим нишон дода мешаванд. Маълумотҳои сутуни 2 бояд ба маълумотҳои сутуни 6 ҳисоботи шакли 2-пахта мувофиқат кунанд.

4. Дар сутунҳои3,4 маълумотҳо дар бораи миқдори коркарди нахи пахта дар як моҳ ва аз аввали мавсим оварда мешаванд. Ҳаҷми нахи пахта ба ҳисобот оид ба коркарди маҳсулот ҳамон вақте дохил карда мешавад, ки нах кор кардашуда ба фишори мошин ба тои пахта таёр кардашуда , ҳамчун маҳсулоти таёр ба анбор супурда шудааст ва аз рӯи ташхиси лабараторияи заводҳои пахта нишондиҳандаи сифати дорад.

Нишондиҳандаҳои ҳисобот дар бораи коркарди истеҳсоли нахи пахта дар шакли№1-пахта дар сутуни 3 бояд бо маълумотҳои шакли№1-маҳсулот(таъҷилӣ) моҳона «Ҳисоботи таъҷилии корхонаи саноатӣ (иттиҳодия) оиди маҳсулот»ва маълумотҳои сутуни 4 бошад, бо сутуни 7 ҳисоботи шакли 2-пахта бояд мувофиқат кунанд.

5. Ашёи хоми пахта ва нахи пахта ба тариқи зайл ба вазни ғуншуда гузаронида мешаванд:

а) агар ифлосию ғализии амалии ашёи пахтаи хом ва нахи пахта аз меъёр кам бошад, дар он сурат ба вазни ашёи хоми пахта ва нахи пахта фарқияти байни ифлосии амалӣ ва ифлосии мутобиқи меъёр илова карда мешавад;

б) агар ифлосии ашёи хоми пахта ва нахи пахта аз меъёр зиёд бошад, дар он сурат фарқияти байни ифлосии амалӣ ва ифлосӣ мутобиқи меъёр аз ҳисоби вазни ашёи хоми пахта ва нахи пахта бароварда мешавад.

Ба ҳамин тартиб ашёи хоми пахта ва нахи пахта аз рӯи намнокӣ ба вазни ғуншуда гузаронида мешавад.

6. Дар сутуни 5 коркарди нахи пахта дар як моҳ мувофиқи меъёрҳои муқарраршуда ба ҳисоби фоиз оварда мешавад.

7. Дар сутуни 6 нишондиҳандаи «Коркарди амалии нах» дар як моҳ бо роҳи тақсими миқдори амалии нахи пахтаи кор кардашуда дар як моҳ ба миқдори ашёи хоми пахтаи коркард кардашуда дар як моҳ, ва зарби 100(сутуни 3: сутуни 1)х100 ,муайян карда мешавад.

8. Дар сутуни 7 нишондиҳандаи « Коркарди амалии нах» аз аввали мавсим бо роҳи тақсими миқдори амалии кор кардашудаи нахи пахта аз аввали мавсим ба миқдори ашёи хоми пахтаи коркард кардашуда аз аввали мавсим, ва зарби 100 (сутуни4: сутуни 2)х100 ,муайян карда мешавад.

Ҳисобот аз рӯи шакли 1-пахта ба мақомоти омори маҳалли ҷойгирифтаи корхона то 5 рузи баъди давраи ҳисобот пешниҳод карда мешавад.

Ҳисоботи 1-пахтаро бояд роҳбари корхона бо нишон додани ному насаби иҷрокунандаи ҳисобот ва № телефон имзо кунад.

Мақомоти маҳаллии омор ҳуқуқ доранд, корхонаҳоеро, ки бо коркарду аз нав коркарди ашёи хоми пахта ва нахи пахта машғуланд мӯътамадии маълумотҳои ҳисоботро аз рӯи шакли 1-пахта тафтиш кунанд.

Раёсати омори саноат ва инвеститсияҳо дар сохтмони Агентӣ.